# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «18» ноябри соли 2021 № 325/9.и. ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 3 қарори Раёсати КОА аз 29 апрели соли 2021, протоколи №4,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 007 назди Институти кимиёи ба номи И.В. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 13.09.2021, №48 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ба Ҳакимов Искандар Бозорович аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Рафтори анодӣ ва оксидшавии хӯлаи руҳ-алюминийи Zn22AI, ки бо хром, манган ва никел ҷавҳаронидашуда» аз рӯйи ихтисоси 05.17.03 – Технологияи равандҳои электрохимиявӣ ва муҳофизат аз коррозия бинобар, риоя нашудани талаботи банди 67-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ба Ҳакимов Искандар Бозорович рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Ҳакимов Искандар Бозорович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ тибқи муқаррарот иҷозат дода шавад.

4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 007 назди Институти кимиёи ба номи И.В. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон огоҳонида шавад.

5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: Хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ–риёзӣ ва техникии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раис [signature] А. Розиқзода